# Гузориш аз натиҷаи назорати риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҶДММ «Сатурн», муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№2, 3, 4, 5, 14 ва Муассисаи давлатии Гимназияи №1

Submitted by Ҳайати тадорукот on 29 October, 2020 - 15:31
[1]

Гурӯҳи кории Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати сардори шуъбаи танзими истилоҳот Зулфониён Р. (роҳбари гурӯҳ), сармутахассиси шуъбаи ташкилию ҳуқуқӣ Буриева Ш., мутахассиси пешбари бахши экспертизаи забоншиносӣ

Ҷалолов С. (аъзои гурӯҳ) тибқи фармоиши раиси Кумита аз 9-уми октябри соли 2020, №131 назорати риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва иҷрои банди 56-и Нақшаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»-ро (26.12.2020) дар ҶДММ «Сатурн», муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№2, 3, 4, 5, 14 ва Гимназияи №1-и шаҳри Ҳисор аз 15-ум то 17-уми октябри соли 2020 мавриди назорат ва таҳлил қарор дод.

Ҳамзамон, Кумита 28-уми октябри соли 2020, соати 1400 дар толори Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и шаҳри Ҳисор аз натиҷаи назорат ва таҳлили риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва татбиқи банди Нақша бо иштироки муовини раиси Кумита, гурӯҳи кории санҷишӣ, мудири шуъбаи маорифи шаҳри Ҳисор, мудирони боғчаҳо, директорони муассисаҳо, ҷонишинҳо, омӯзгорони муассисаҳо ва кормандони шуъбаи маориф (ҳамагӣ 140 нафар) семинари омӯзишӣ баргузор намуд.

Дар оғоз мудири шуъбаи маорифи шаҳри Ҳисор тамоми иштирокдоронро ба семинари омӯзишӣ хайра макдам намуда, намояндагони Кумитаро ба ҳозирин муаррифӣ кард ва оид ба муҳтавои рӯзномаи семинар маълумот дод. Баъдан барои гузориш суханро ба сардори шуъбаи танзими истилоҳоти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфониён Р. дод. Роҳбари гурӯҳи корӣ баён намуд, ки тибқи Нақша дар муҳлати кӯтоҳ вазъи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар баъзе аз муассисаҳои таълимии шаҳри Ҳисор мавриди баррасӣ қарор гирифт. Таҳлилҳо нишон дод, ки бо вуҷуди қаноатбахш будани масъалаи коргузорӣ дар муассисаҳои таълимӣ, баъзе хатоҳои имлоӣ ва навишти ғайритоҷикӣ ба мушоҳида расид, ки гурӯҳи корӣ барои бартараф намудани камбудиҳои зикршуда тавсияҳои худро пешниҳод намуд. Инчунин, дар рафти таҳлил санҷиши саводи имлоии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№2, 3, 4, 5, 14 ва Муассисаи давлатии Гимназияи №1-и шаҳри Ҳисор санҷида шуд.

Сипас, сухан ба муовини раиси Кумита Раҳматуллозода С. дода шуд, ки фикру мулоҳизаҳои худро аз рафти назорати риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар муассисаҳои таълимии шаҳри Ҳисор баён намуда, қайд карданд, ки ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои дар гузориш дарҷгардида дар муҳлати муқарраргардида ба Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумои муфассал ирсол намоянд.
Семинари омӯзиширо мудири шуъбаи маорифи шаҳри Ҳисор – Муқимзода Наргис ҷамъбаст намуда, бовар кунонданд, ки камбудию норасоиҳо дар муҳлати кӯтоҳ бартараф хоҳад шуд.

**Content rating:** 5

Average: 5 (2 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]
- Экспертиза [3]

-

-

- 

- 

**Source URL:**http://www.istilohot.tj/en/node/6688?mini=2025-04

**Links**
[1] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/field/image/20201028_143027.jpg [2] http://www.istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [3] http://www.istilohot.tj/en/taxonomy/term/34 [4] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20201028_143027.jpg [5] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20201028_143047.jpg [6] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20201028_143101.jpg [7] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20201028_143118.jpg